# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА–002–и назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ вобаста ба диссертатсияи Абдуллоҷони Ҳамрохон дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ва таъйин намудани комиссияи экспертӣ.

Бо қарори Шурои диссертатсионии 6D.КОА–002 аз 20.11.2024, №13.1 комиссияи экспертӣ дар ҳайати 3 нафар тасдиқ карда шуд: Абдуллоев Маҳмуд Холович, доктори илмҳои таърих, профессор, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷик, раиси комиссия, Бозоров Хушвахт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, дотсенти кафедраи таҳсилоти ибтидоӣ, узви комиссия, Сафарзода Мунир Ватан, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, муовини ректор оид ба тарбия, узви комиссия.

Мавзуи таҳқиқотии диссертатсионии Абдуллоҷони Ҳамрохон дар шароити кунунӣ мубрам буда, дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Кори диссертатсионӣ дар ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 26.01.2024 бо Суратҷаласаи №6 муҳокима гардидааст.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31–33 ва 53–и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст ҷавобгӯ мебошад.

Натиҷаҳои кори илмӣ – таҳқиқотии Абдуллоҷони Ҳамрохон 1 дастури таълимӣ, 1 монография ва 12 номгӯи мақолаҳои илмӣ ба табъ расида мебошад, ки аз ин миқдор 6–тояшро маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6–тои боқимондаашро маводи конференсияҳои ҷумҳуриявию байналимлалӣ ташкил медиҳанд.

**Мақсади таҳқиқот**. Мақсади таҳқиқоти рисолаи илмӣ таҳияи механизми самараноки таълиму тарбияи ҷасмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ ҷиҳати болобарии сатҳи тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот:** Асоси эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро таҳия ва нашр намудани мақолаҳои илмӣ – амалӣ дар бораи натиҷаҳои таҳқиқот дар нашрияҳои мухталиф, дар маҷаллаҳои илмӣ, баромаду маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ, илмӣ-амалӣ дар байни омӯзгорон ва донишҷӯёни кафедраҳои педагогика ва психологияи ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маорифи бозомӯзии минтақаи Кӯлоб ташкил медиҳад.

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

- муҳимтарин самтҳои асосии таълим ва тарбияи ҷисмонии насли наврас дар ҷомеаи имрӯза бо баҳисобгирии андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ муайян карда шуданд;
- нақши омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар ташаккули тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва механизми ташкили тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбии хонандагон муайян карда шуд;
- афкори муайяни педагоги олимон марбут ба тарбияи худогоҳии миллӣ ва ватандӯстии ҷавонон омӯхта шуда, роҳу усулҳо ва методикаи тайёр кардани насли оянда дар самти тарбияи ҳарбӣ–ватандӯстӣ дар шароити муосир муайян карда шуд;
- самтҳои асосии фаъолияти муштараки омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ бо хурдсолон ва калонсолон дар раванди таълим муайян карда шудаанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- самтҳои асосии таълим ва тарбияи ҷисмонии насли наврас дар ҷомеаи имрӯза бо баҳисобгирии андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ;
- механизми ташкили тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбии хонандагон дар МТМУ;
- афкори муайяни педагогии олимон марбут ба тарбияи худогоҳии миллӣ ва ватандӯстии ҷавонон;
- нақши омӯзгорони ТҶ дар ташаккули ТҲВ-и хонандагони МТМУ.
- роҳу усулҳо ва методикаи тайёр кардани насли оянда дар самти тарбияи ҳарбӣ–ватандӯстӣ дар шароити муосир.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) ба бандҳои зерин мувофиқат мекунад:

Банди 1.– «Методологияи таҳқиқотҳои педагогӣ, корҳои таҳқиқотӣ дар рушди илми педагогика, ҳамбастагӣ ва татбиқпазирии онҳо; усулҳои таҳқиқотҳои педагогӣ;

Банди 6.– «Консепсияи таҳсилот» (сифати таҳсилот ва арзёбии он, равандҳои инноватсионӣ дар таҳсилот;

Банди 7.– «Педагогикаи амалӣ» (ҷамъбасткунии таҷрибаи пешқадам; ҳаракати инноватсионӣ дар таҳсилот; фаъолияти таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ).

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона анҷом дода шуда, ягонагии натиҷаҳо ва муқаррароти илмӣ барои ҳимоя ошкор гардидааст, ки аз саҳми шахсии муҳаққиқ дар илми педагогика шаҳодат медиҳад.

Талаботи низомномаи Шурои диссертатсиониро ба ҳисоб гирифта, комиссияи экспертӣ оид ба диссертатсияи Абдуллоҷони Ҳамрохон чунин тавсия медиҳад:

a) диссертатсияи Абдуллоҷони Ҳамрохон дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA–002 – и назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷозат дода шавад;

b) ба сифати муассисаи пешбар: Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саидмуъмин Раҳимов интихоб карда шавад;

c) **ба сифати муқарризони расмӣ**: Давлатзода Ҷамила, доктори илмҳои педагогӣ, директори муассисаи давлатии таълимии “Коллеҷи омӯзгории шаҳри Ҳисор”; Намозов Тошқул Буриевич, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва мудофиаи шаҳрвандии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ муайян карда шаванд;

d) барои дар Шуро муайян кардани вақти ҳимоя, ҷойгир кардани эълон, паҳн кардани автореферат, дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ гузоштани матни диссертатсия ва автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ,
доктори илмҳои таърих,
профессор: Абдуллоев М.Х.

Аъзои комиссияи экспертӣ,
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент: Сафарзода М.В.

Аъзои комиссияи экспертӣ,
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент: Бозоров Х.

*“Имзоҳои М.Х. Абдуллоев, М.В. Сафаров ва Х. Бозоров - ро тасдиқ менамоям”.*

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Амиров Ф.А.

12.12.2024